# ТАҚРИЗИ

муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

***Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, мухсусан ҷавонон, ки ояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад.***
(аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, 16 декабри соли 2025)

Равандҳои муосири босуръат фарогирандаи тамоми самтҳои ҳаёту фаъолияти ҷомеа, ба монанди ҷаҳонишавӣ ва иттилоотонию рақамикунонӣ, инчунин тағйирёбии талабон ба низоми таҳсилот, ба масъалаи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои калидии омӯзандагон, аз ҷумла, салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии онҳо, мавқеи хосро бахшидаанд. Кунун, муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки на танҳо додани донишҳои фанниро ба омӯзандагон таъмин намоянд, балки малакаю маҳорати онҳоро дар ҷустуҷӯю пайдо ва коркард кардани иттилоот, тафаккури интиқодӣ, таҳлил ва истифодаи бошууронаи донишҳо дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоӣ рушд диҳанд. Дар робита ба ин, барои ҷомеаи имрӯзаи кишвари мо, фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, пеш аз ҳама, таърихи халқи тоҷик ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули тафаккури таърихӣ, худшиносии миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ нақши калидӣ доранд.

Рисолаи илмии Маҷидзода Ҷ. С. ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шуда, яке аз самтҳои муҳимми педагогикаи муосирро фаро мегирад. Зеро, барои ин категорияи хонандагон (синфҳои болоӣ; зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ), ташаккули малакаю маҳорати ба таври мустақилона ҷустуҷӯ ва арзёбӣ кардани иттилоот, таҳлил намудани сарчашмаҳои таърихӣ, муқоиса кардани воқеаҳо ва баровардани хулосаҳо, аҳаммияти хос дорад.

**МУТОБИҚАТИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ИХТИСОСҲО ВА САМТҲОИ ИЛМ, КИ АЗ РӮЙИ ОНҲО ДИССЕРТАТСИЯ БА ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД ШУДААСТ**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» бо бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат мекунад: *банди 1.1. – Методологияи омӯзиши фанҳои мушаххас* (коркарди назарияи омӯзиши фанҳои мушаххас, аз ҷумла дар дараҷаи байнифаннӣ), *банди 1.2. – Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш* (коркарди ҳадафҳои омӯзиш мутобиқи тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии муосири рушди ҷомеа; ташаккули ҳавасмандии мусбати таълимот, ҷаҳонбинӣ ва манзараи илмии олам дар зеҳни субъектҳои раванди таҳсилот), *банди 1.3. – Муҳтавои омӯзиш* (тарҳрезии муҳтаво, методҳо ва шаклҳои ташкилии омӯзиш дар шароити шаклтағйирдиҳӣ, иттилоотисозӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва таҳсилотӣ), *банди 1.4. – Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзиш* (ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; коркарди технологияҳои инноватсионии таҳсилотӣ ва шаклҳои ташкили омӯзиш).

**МУБРАМ БУДАНИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, равандҳои фарогири иттилоотинию рақамикунонӣ, афзоиши ҳаҷми иттилоот, рушди бесобиқаи зеҳни сунъӣ ва воридшавии он ба тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти ҷомеа, тағйирёбии шаклҳои фаъолияти маърифатии ҷавонон дар шароити ҷаҳони имрӯза, боиси ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати соҳаи маориф табдил ёфтани масъалаи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагон гардидааст. Ҷаҳони иттилоотии имрӯза аз хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо аз худ кардани донишҳои фаннӣ, балки соҳиби қобилияти ҷустуҷӯ, таҳлил, интихоб ва арзёбии интиқодии иттилоот будан, инчунин доштани малакаю маҳорати истифодаи бошууронаи онро дар раванди омӯзиш ва ҳаёти иҷтимоӣ талаб мекунад. Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои педагогии ташаккули чунин салоҳиятҳо ба талаботи воқеии рушди таҳсилот дар миқёси ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад. Дар ин робита, фанни таърихи халқи тоҷик метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки ташаккул ва рушди салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ бошад.

Инчунин, мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои гуногуни иттилоотӣ масъалаи ҳифзи ҳувияти миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ба худ аҳамияти хосро касб мекунад. Аз ин рӯ, мавзуи рисолаи илмии унвонҷӯ Маҷидзода Ҷ. С. саривақтӣ ва муҳимми таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад.

**ДАРАҶАИ НАВГОНИИ НАТИҶАҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ БАДАСТОМАДА ВА НУКТАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БАРОИ ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД**

Навгониҳои илмии дар натиҷаи иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ бадастовардаи унвонҷӯ Маҷидзода Ҷ. С. дар бандҳои зерин инъикос ёфтаанд:

1) бори нахуст мавриди омӯзишу баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудани масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ (10-11) дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;
2) дақиқ карда шудани мазмуни мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатӣ» дар заминаи таълими фанни таърих ва муайян карда шудани ҷузъ (компонент)-ҳои таркибии он: донишӣ, маърифатӣ, арзишӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ;
3) таҳия гардидани модели педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва пешниҳоди заминаи амалӣ барои татбиқи он;
4) муайян ва асоснок карда шудани шартҳо ва механизмҳои самараноки педагогию психологии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ;
5) мутобиқ гардонидан ва такмил додани маҷмуи усулҳои эмпирикӣ барои ташхис, арзёбӣ ва рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии омӯзандагон дар муҳити муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ;
6) таҳияи меъёрҳои арзёбии рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии омӯзандагон ва амалан санҷида шудани онҳо дар шароити озмоишӣ.

Мавқеи илмии унвонҷӯро, инчунин, нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда инъикос мекунанд, ки мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро баён ва натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқро муаррифӣ менамоянд:

1. Ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ асоснок карда шудааст.

2. Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагонро фароҳам меорад.

3. Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон нақши калидӣ доранд.

4. Модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити озмоишӣ самаранокии худро нишон додааст.

## АСОСНОКӢ ВА ЭЪТИМОДНОКИИ ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ ЗИКРШУДА

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз заминаҳои методологӣ ва омӯзишу баррасии сарчашмаҳои илмии ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд, инчунин пажӯҳиши ҷабҳаҳои гуногуни мавзуи диссертатсионӣ таъмин карда шудааст, аз ҷумла: татбиқи принсипҳои муносибати салоҳиятмеҳвар ва равишҳои муосири психологию педагогӣ; таҳлили манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон; истифодаи маҷмуи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ; санҷиш ва тасдиқи таҷрибавии модели пешниҳодшуда дар шароити муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии кишвар.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ Маҷидзода Ҷ. С. дар хулосаҳои ҳар боби алоҳидаи рисола, инчунин хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо ҷамъбаст карда шудаанд, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот мекунанд.

Сарчашмаҳои илмии дар рафти таҳқиқот мавриди омӯзиш, баррасӣ ва истифода қарор додашуда, инчунин мавод ва матолиби дар рисола мураттабу дарҷгардида аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои кори таҳқиқотӣ бахубӣ баромадааст.

## АҲАМИЯТИ ИЛМӢ, АМАЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ БО НИШОН ДОДАНИ ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ ОНҲО

Навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола, ки баёнгари натиҷаҳои асосии аз таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯ Маҷидзода Ҷ. С. мебошанд, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ будани диссертатсияро тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла, аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар бандҳои зерин ифода ёфта:

– мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон» дар робита ба синфҳои болоӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври дақиқ ва низомнок шарҳ дода шудааст;

– сохтори методологӣ ва психологӣ-педагогии салоҳиятҳои иттилоотию маърифатӣ таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) асоснок карда шудаанд;
– амсилаи педагогии ташаккули салоҳият таҳия ва пешниҳод шудааст, ки метавонад заминаи рушди минбаъдаи методикаи таълими таърих гардад,

аҳаммияти амалии он дар нуктаҳои зер инъикос мегарданд:

– амсилаи озмоишии ташаккули салоҳиятҳо дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити воқеӣ санҷида шудааст;
– усулҳо, шаклҳо ва технологияҳои таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон самаранок арзёбӣ шудаанд, метавонанд дар амалияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик васеъ истифода бурда шаванд;
– меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбӣ барои ташаккули салоҳиятнокӣ тарҳрезӣ ва санҷида шудаанд, ки метавонанд ҳамчун абзори ташхис ва назорат дар муассисаҳои таълимӣ  истифода шаванд.

**НАШРИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ ИЛМӢ**

Унвонҷӯ Маҷидзода Ҷ. С. натиҷаҳои асосии кори илмӣ-таҳқиқотиашро дар 8 интишорот, аз ҷумла, 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1-тои он дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ) ва 23 мақола дар маҷмуаи маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ ба табъ расонидааст, ки мазмуну мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада ва хулосаю тавсияҳои ӯро инъикос мекунанд.

**МУТОБИҚАТИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ТАЛАБОТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Унвонҷӯ диссертатсия ва автореферати онро ба инобати талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия таълиф намудааст. Автореферати диссертатсия фишурдаи мазмуну мундариҷаи диссертатсияро баён намуда, фарогири моҳияти таҳқиқоти баанҷомрасонида ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ аст.

Рисола ба забони равони илмӣ дар сатҳи хеле хуб навишта шуда, дар он пайдарпайии мантиқии бобу фаслҳо ва робитаи байни онҳо таъмин карда шудаанд.

**КАМБУДИҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ВА ЭРОДҲО НИСБАТИ ОНҲО**

Дар баробари комёбиҳои назарраси назариявию амалии аз таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯ, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо низ ҷой доранд, ки баёну баррасии чанде аз онҳо барои таҳрир ва таҷдиди рисолаи илмӣ ҷиҳати боз ҳам мукаммалтар гардонидани мазмун ва сифати диссертатсия ба манфиат хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Новобаста аз оне, ки дар матни рисола таҳқиқотҳои як зумра олимони ватанӣ номбар ва баъзеи онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки соли нашри аксарияти онҳо то соли 2010 аст, агар корҳои илмию таҳқиқотии тайи солҳои охир иҷрошуда низ мавриди омӯзишу баррасӣ ва муқоисаю таҳлил қарор дода мешуданд, арзиши рисоларо боз ҳам меафзуданд. Масалан, рисолаи номзадии Палавонов А. М. дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» (2024).

2. Аёнисозии (визуализатсияи) додаҳои таҷрибавӣ, ки дар намуди диаграммаҳои 1-4 (саҳ. 157-159 ва 161) амалӣ шудааст, барои баёни ҳолатҳои мавриди баррасӣ на онқадар равшан ва возеҳ ба назар мерасанд. Пеш аз ҳама, чӣ гуна ва дар асоси кадом гунаҳои (вариантҳои) ҷавоби пурсидашудагон (хонандагон) ба даст омадани қиматҳои дар диаграммаҳо овардашуда (бо %) номаълуманд? Тавре аз саволҳои дар пурсишномаҳо истифодашуда дида мешавад, масалан, саволи «Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ аз салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ бо чӣ фарқ мекунанд?» эҳтимоли пешниҳоди ҷавобҳои гуногун (ба таври озод; ҳамчун саволи навъи кушода) ба онҳо ҷой дорад.

3. Тақсимоти шумораи умумии иштирокчиёни озмоиш (300 нафар) дар байни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии таҷрибавӣ ва гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ мушкилфаҳм ба роҳ монда шудааст. Хуб мебуд, агар ин тақсимот дар намуди ҷадвал оварда мешуд.

Ҳамзамон, дар саҳеҳии ҳисоб ва яклухткунии қиматҳои ҷадвали 1 (саҳ. 170) баъзе нуқсони ҳисоббарорӣ дида мешавад. Масалан, ҷамъи қиматҳо барои соли таҳсили 2023-2024 ба 99,8% (-0,2%) ва барои соли таҳсили 2024-2025 ба 102% (+2%) баробаранд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷо-ҷо хатоҳои имлоию услубӣ ва камбудиҳои ороишӣ низ ба назар мерасанд. Масалан:

- ҷой доштани ғеҷиш (номувофиқатӣ) дар байни рақамҳои саҳифаҳо, ки дар мундариҷа нишон дода шудаанд, бо рақамҳои саҳифаҳои матни диссертатсия;
- истифода нашудани гунаҳои тоҷикии баъзе истилоҳҳои (калимаҳои иқтибосии) маъмул, ба монанди «бойгонӣ» ба ҷойи «архив», «мушкилот (масъала)» ба ҷойи «проблема», «нишондиҳанда» ба ҷойи «индикатор», «пойгоҳ (замина, поя)» ба ҷойи «база», «сохтор» ба ҷойи «структура», «эҷодкорӣ » ба ҷойи «креативӣ» ва ғайра;
- бо эҳтимоли ғолиб хато нишон дода шудани рақами баъзе истинодҳо дар матни диссертатсия, ки рақами сарчашма бо мазмуни ҳамон қисми матн робитаи мантиқӣ дошта наметавонад. Масалан, истинодҳои [131] дар саҳифаи 96, [2, с. 18] дар саҳифаи 131, [25, с. 41-50] дар саҳифаи 134 ва [133, с. 34] дар саҳифаи 151.

Таъкид месозем, ки камбудӣ ва эродҳои мазкур бештар хусусияти техникию тавсиявӣ дошта, арзиш ва дараҷаи мубрамияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқотро паст намекунанд.

**Хулоса**

1. Рисолаи илмии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти мустақилӣ ва мукаммалӣ мебошад дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

2. Аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа диссертатсияи Маҷидзода Ҷ. С. ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад.

3. Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфт кардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (дар таҳрири нав бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, тахти № 295) тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ, сардори идораи корҳои илмӣ-татбиқотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА Рустам Саидмурод**

*шаҳри Душанбе,*
*9-уми январи соли 2026*


**Маълумот барои тамос:**

| | |
|---|---|
| Нишонӣ: | 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, идораи корҳои илмӣ-татбиқотӣ |
| Почтаи электронӣ: | Rustam_N@hotmail.com |


*«Имзои Назарзода Р. С. -ро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Абдуназаров А. Ҷ.